БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум • ФЕВРАЛ 2026

**Дар моҳи феврали соли 2026 сатҳи таваррум[1] 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

## Таварруми хӯроквории

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯроквории бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ба андозаи 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 банди фоизӣ) раванди болоравиро касб намуд. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи каду 12,0 фоиз, қаламфури булғорӣ 9,0 фоиз, ангур 8,2 фоиз, лиму 6,5 фоиз, бодиринг 5,1 фоиз, нок 4,3 фоиз, помидор 4,1 фоиз, себ 2,1 фоиз, чакка 1,7 фоиз, карам 0,6 фоиз, орди навъи якум 0,4 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда поёнравии нархи лаблабу 7,2 фоиз, биринҷ 1,0 фоиз, гӯшти мурғ 0,4 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,3 фоиз, пиёз 0,3 фоиз ва ғайра ба назар расид.

## Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда 2,4 фоизро (бо саҳми 0,3 банди фоизӣ) ташкил намуд, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ 6,5 фоиз (бахусус қувваи барқ 14,1 фоиз) ва маишӣ 0,1 фоиз ба амал омад.

## Таварруми ғайрихӯроквории

Нархи молҳои ғайрихӯроквории бошад, дар ин давра бо нишондиҳандаи манфии 0,5 фоиз ҷамъбаст гардида (бо саҳми -0,2 банди фоизӣ), бештар аз ҳисоби поёнравии нархи семент 5,9 фоиз, ангишт 4,5 фоиз, маводи доруворӣ 3,8 фоиз, маҳлулкунанда атсетон 0,2 фоиз, либос ва пойафзол 0,1 фоиз мушоҳида гардид.

**Таварруми моҳона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таварруми солона ва ҳадафи он дар соли 2026 бо фоиз** (манбаъ: Бонки миллии Тоҷикистон)



**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи феврали 2026, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5%±2 банди фоизӣ) қарор дошта, 3,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таваррууми солона дар моҳи феврали соли 2026 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 31,5 фоиз, Қазоқистон 11,7 фоиз, Ӯзбекистон 7,3 фоиз, Россия 5,9 фоиз, Беларус 5,6 фоиз, Гурҷистон 4,6 фоиз ва Арманистон 4,3 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таваррууми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи феврал 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,0 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи таваррум дар доираи ҳадафи муқарраршуда, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро бо истифода аз воситаҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Таваррууми моҳона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа бо фоиз**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | 2026 | | Феврал, тағйирёбии моҳона бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Мар | Июнь | Июл | Сен | Дек | Янв | Фев | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,4** | **2,8** | **3,5** | **3,6** | **3,6** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **52,0** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **4,1** | **4,5** | **3,1** | **4,4** | **4,4** | **4,6** | **0,6** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,5 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -3,2 | -5,7 | -5,1 | -3,0 | 0,4 | 0,9 | 1,3 | 0,1 |
| Биринҷ | 2,6 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 5,1 | 0,7 | -0,8 | -2,6 | -3,9 | -7,1 | -8,2 | -1,1 |
| Орд | 4,1 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -11,0 | -13,2 | -13,0 | -13,1 | -11,5 | -7,9 | -6,3 | 0,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,6 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,6 | 15,1 | 14,1 | 13,8 | 10,9 | 11,6 | 11,0 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 3,5 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 24,7 | 25,0 | 23,2 | 20,8 | 14,4 | 14,9 | 14,0 | 0,0 |
| Тухм | 1,9 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 10,1 | 22,1 | 26,0 | 7,7 | 6,0 | 1,0 | 4,5 | -0,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 5,5 | 5,6 | 4,2 | 3,8 | 6,3 | 5,4 | 5,5 | 0,5 |
| Шир | 0,8 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 9,3 | 10,5 | 11,1 | 5,3 | 10,6 | 9,4 | 8,7 | 0,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,3 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 14,4 | 15,0 | 12,2 | 11,1 | 3,6 | 4,7 | 4,2 | 0,1 |
| Меваҷот | 3,3 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -7,4 | -15,4 | -10,3 | -2,7 | 7,3 | 10,4 | 10,5 | 2,3 |
| Сабзавот | 6,9 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 7,4 | 24,1 | 23,2 | 8,1 | 9,8 | 6,7 | 4,7 | 1,1 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -9,7 | -8,1 | -8,8 | -9,4 | -8,2 | -5,8 | -6,3 | -0,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,9 | 2,8 | 3,4 | 3,7 | 0,6 |
| Хӯроки умумӣ** | 1,1 | 9,0 | 6,3 | 6,3 | 10,9 | 5,9 | 13,1 | 13,7 | 14,6 | 8,9 | 8,8 | 6,8 | -2,4 |
| Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку | 0,7 | 3,0 | 4,5 | 5,7 | 9,4 | 9,4 | 7,9 | 5,7 | 5,5 | 1,8 | 1,6 | 0,8 | 0,0 |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **36,1** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **2,3** | **1,7** | **1,0** | **1,5** | **1,9** | **1,1** | **-0,5** |
| Либос ва пойафзол | 13,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 2,2 | 1,4 | 1,8 | 3,2 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,9 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,6 | 1,4 | 1,4 | 0,2 | -1,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,0 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | -1,9 | -2,6 | -1,8 | 2,7 | 4,1 | 4,1 | 4,1 | 0,0 |
| Доруворӣ | 0,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,2 | 2,9 | 2,9 | 1,4 | -0,3 | -0,5 | -4,2 | -3,8 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | -0,1 | -3,6 | -13,4 | -20,0 | -14,4 | -6,8 | -7,9 | -1,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 3,7 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 2,6 | 2,7 | 0,4 | -2,2 |
| Васоити нақлиёт | 2,6 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 2,1 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 1,5 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 1,8 | 1,6 | -0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **12,4** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,3** | **4,2** | **4,1** | **5,3** | **5,7** | **5,2** | **7,3** | **2,3** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,1 | 7,8 | 6,7 | 10,1 | 10,9 | 10,8 | 17,7 | 6,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,8 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,9 | 6,8 | 6,8 | 6,7 | 5,5 | 2,0 | 1,0 | -0,5 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 40,5 | 36,1 | -1,5 |
| Қувваи барқ | 2,2 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 14,1 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,7 | 29,7 | 14,1 |
| Оби гарм | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,2 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -1,0 | 0,3 | -16,6 | -29,3 | -24,3 | -10,4 | -10,5 | -0,1 |
| Нақлиёт | 1,9 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 0,9 | 1,4 | 1,0 | -0,3 | -4,8 | -4,6 | -4,9 | 0,0 |
| Алоқа | 1,9 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 3,3 | 2,8 | 0,0 |
| Маориф | 0,5 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,5 | 4,1 | 4,0 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | -1,8 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -0,1 | -0,1 | 0,3 | -0,3 |
| Маишӣ | 2,1 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 6,4 | 2,6 | 3,8 | 5,2 | 9,8 | 9,0 | 8,3 | 0,1 |

*- Номгӯи молу махсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи махсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо